**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқии Абубакри Розӣ ва Насирдини Тусӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи доктори илми фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа.**

Мавзӯе, ки Абубакри Мирзоаҳмади Грезода интихоб намуда, атрофи он рисолаи илмӣ омода кардааст аз муҳимтарин мавзӯҳои таърихи фалсафаи тоҷик ба ҳисоб меравад. Таҳлилу баррасии андешаҳои ахлоқии Абубакри Розӣ ва Насридини Тусӣ ва ошкор кардани моҳияти афкори фалсафаи ахлоқии ин мутафаккирон барои ҷомеаи муосир хеле зарурӣ ва мубрам мебошад.

Муҳиммияти мавзӯъ аз он ибтидо мегирад, ки дар шароити соҳибистиқлолӣ барои миллати соҳибтамаддуни мо таҳаввули фикрӣ ва ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии нав лозим аст. Аз ин хотир аст, ки пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва баррасии ҷанбаҳои мухталифи давраҳои алоҳидаи инкишофи таърихии афкор ва ҷаҳонбинии халқи тоҷик оғоз гардида, дастовардҳои маънавӣ бо диди нав мавриди баҳогузорӣ ва баҳрабардорӣ қарор дода шуданд. Бояд қайд намуд, ки дар ин доира баррасӣ ва омӯзиши илмии афкори фалсафаи ахлоқии Розӣ ва Тусӣ муҳиммият пайдо намуд.

Мусаллам аст, ки яке аз масъалаҳои муҳим омӯзиш ва баррасии фалсафаи ахлоқӣ ба ҳисоб меравад, зеро тақвияти худогоҳии миллӣ, тарбияи оммаи мардум, махсусан ҷавонон маҳз бо рӯоварӣ ба таърихи афкори фалсафаи ахлоқ самаранок мегардад. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза ислоҳоти тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ, махсусан барои ислоҳоти сатҳи ахлоқии ҷавонони имрӯз, рӯ овардан ба омӯзиши фалсафаи ахлоқии мутафаккирони номбурдашуда, ва барассии илмии он актуалӣ ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Рисолаи мазкур ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими инкишофи фалсафаи халқи тоҷик, ки бо дастовардҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ муҳиммият пайдо намудааст, яъне ба андешаҳои ахлоқии Розӣ ва Тусӣ бахшида шудааст. Мувофиқи даврабандии инкишофи афкори фалсафаи ахлоқии ин ду мутафаккир аз дигар давраҳои таърихӣ бо ғояҳои самарабахшу ҷомеасозаш фарқ мекунад. Маҳз дар ҳамин давра андешаҳои судманди фалсафаи ахлоқии онҳо, ки сатҳи баланди маънавиро соҳибанд, эҷод гардиданд, ки дар афкори фалсафаи ахлоқӣ Абуҳотами Розӣ, Носири Хусрав, Ҷалолиддини Давонӣ, Ибни Мискавайҳ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абумансури Дақиқӣ, Абурайҳон Берунӣ, Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абдураҳмон Бадавӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Ибни Муқаффаъ, Муҳаммади Хоразмӣ, Котибии Қазвинӣ ва дигарон, ки шуҳрати ҷаҳонӣ доранд таҷассум гардидааст. Таҳқиқи илмии андешаҳои фалсафаи ахлоқии Абубакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ барои инкишофи имрӯза ва ояндаи ҷавонон ва беҳтар намудани сатҳи тарбияи ахлоқӣ дар кишвар мусоидат менамояд. Илова бар ин, истифодаи амалии афкори ин ду мутафаккир бар зидди андешаҳои иртиҷоиву манфӣ замони муосир хеле самарабахш ба ҳисоб меравад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, метавон қайд намуд, ки дар шароити имрӯза омӯзиш ва таҳқиқи илмии фалсафаи ахлоқии Розӣ ва Тусӣ аз ҷониби Абубакри Мирзоаҳмади Грезода хело ҳам муҳим буда, ба инобат гирифтан ва мавриди истифода қарор додани афкори ахлоқию тарбиявии мутафаккирони номбурда эҷод гардиданд барои рушди сатҳи ахлоқии ҷавонони кишвар, ки дар раванди ислоҳоти куллӣ қарор дорад, муҳим ва актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Рисолаи тақризшаванда, ки аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёт иборат аст, фарогири муҳимтарин масъалаҳои ахлоқию тарбиявиест, ки дар осори пурарзиши мутафаккирон ва файласуфони тоҷику форс дар мисоли Розӣ ва Тусӣ

инъикос ёфтааст. Ин рисола дар ҳаҷми 140 саҳифа таҳия гардида, дар худ зарфиятҳои зеҳнӣ ва қобилияти эҷодии муҳаққикро дар бар мегирад.

Рисолаи илмие, ки муҳаққики ҷавон кӯшишҳои аввалини худро барои ворид шудан ба фазои илмӣ таҳия кардааст, хело ҷолиб ба назар мерасад. Муҳаққиқ дар асоси омӯхтан ва таҳлилу таҳқиқи сарчашмаҳо тавонистааст рисоларо дар шакли зарурӣ ба анҷом расонад.

Диссертатсия аз ҷиҳати мантиқию услубӣ ва имлоӣ, инчунин банду баст ва системанокӣ ба талаботҳои лозима ҷавобгӯ мебошад. Ҳар як қисмати он бо марҳилаҳои муаяйншуда дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ арзёбӣ шудааст. Ҳадафи асосии дар пешгузоштаи муаллиф иҷро гардидааст ва рисолаи мазкур ҷамбастшуда дониста мешавад.

Хулоса диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар мавзӯи **«Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқии Закарёи Розӣ ва Насиридини Тусӣ»** кори илмии анҷомёфта буда, барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ: н.и.ф., дотсент,**
**мудири кафедраи таърихи**
**фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии**
**факултети фалсафаи ДМТ________________Амирхон Ш.Т.**

**Имзои н.и.ф., дотсент**
**Амирхон Ш.Т.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ:_________________Тавқиев Э. Ш.**